***ТДУ 277.2***
***DOI:10.51844-2077-4990-2022-3-222-227***

***ТАШКИЛИ ТАЪЛИМИ ФАРОГИР БАРОИ КӮДАКОНИ ИМКОНИЯТ МАҲДУД***

***Ҳабибуллоева Марҷона Нуруллоевна,*** *докторант(PhD)-и курси дуюми кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ "ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров"(Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***ОРГАНИЗАЦИЯ ИНКЛЮЗИВНОГО ОБРАЗОВАНИЯ ДЛЯ ДЕТЕЙ С ОВЗ***

***Хабибуллоева Марджона Нуруллоевна,*** *докторант (PhD)-2 курса кафедры социальной и профессиональной педагогики ГОУ «ХГУ имени акад. Б. Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

***ORGANIZATION OF INCLUSIVE EDUCATION FOR CHILDREN WITH DISABILITIES***

***Habibulloeva Marjona Nurulloevna,*** *second-year doctoral student of the department of social and professional pedagogy under the SEI "KhSU named after acad. B.Gafurov", (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:*** *akobir1331@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *фарогир, таҳсилоти фарогир, нуқсоншиносӣ, ташкилоти ҷамъиятӣ, кӯдакони имконият маҳдуд, таҳсилоти махсус*

*Дар мақола доир ба вазъи амалишавии таълими фарогир (инклюзивӣ) сухан рафта, ҷиҳатҳои мусбат ва натиҷаҳои амалишавии он мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Қайд мешавад, ки фарогирӣ ҳамчун раванди муайян ва вокуниш ба гуногунии ниёзҳои ҳама хонандагон тавассути ширкати бештар дар омӯзиш ва коҳиш додани истисно дар таҳсилот аст. Тадқиқот нишон дод, ки ҳоло танҳо қисми кӯдакони имконияташон маҳдуд самаранок ба корҳои фарогирӣ ҷалб карда шудаанду холос. Бинобар он, педагогонро лозим меояд, ки ҳар чӣ бештар бо ин гурӯҳи кӯдакон ҳамкориро ба роҳ монанд.*

***Ключевые слова:*** *инклюзия, инклюзивное образование, исследование инвалидности, общественная организация, дети с ограниченными возможностями здоровья, специальное образование*

*В статье говорится о состоянии внедрения инклюзивного образования, анализируются положительные стороны и результаты в этом направлении. Отмечается, что инклюзивность определяется как процесс выявления разнообразия потребностей всех учащихся и реагирования на них посредством более активного участия в обучении и сокращении исключения в образовании. Исследование показало, что в настоящее время только часть детей с ОВЗ эффективно вовлечена в инклюзивную деятельность, и это требует от педагогов максимального сотрудничества с такой группой детей.*

***Key words:*** *inclusion, inclusive education, disability research, public organization, children with disabilities, special education*

*The article talks about the state of implementation of inclusive education, analyzes the positive aspects and results of its implementation. It is noted that inclusiveness is defined as the process of identifying the diversity of needs of all students and responding to them through increased participation in learning and reducing exclusion in education. The study showed that at present only a part of children with disabilities are effectively involved in inclusive activities. Therefore, educators need to cooperate as much as possible with this group of children.*

Таҷрибаи мактабҳои ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки таълими фарогир бо кӯдакони маъюб дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ имконпазир аст.

Яке аз талаботҳои таълими фарогир ё инклюзивӣ ин таҳсил дар муассисаи таълимӣ бояд тариқи муштарак (кӯдакони имкониятмаҳдуд ва бачагони муқаррарӣ) ва фарогир ба роҳ монда шавад раванди таълим ҷалб карда шаванд.

Фарогирӣ ҳамчун раванди муайян ва вокуниш ба гуногунии ниёзҳои ҳамаи хонандагон тавассути иштирок дар омӯзиш ва коҳиш додани истисно дар таҳсилот аст.

Дар таълим фарогир чунин нишонҳо ҳамчун нуқсон маҳдудиятҳои кӯдаки маъюб ба ҳисоб меравад: ҳаракат ақибмонии камбудии инкишофи равонӣ ё ҷисмонӣ.

Инклюзия ба раванди таълим барои таҳсили рӯзона тавсия дода мешавад:

- ба кӯдакони гирифтори бемориҳои ҷисмонӣ, агар сатҳи рушди равониву ҷисмонӣ ва гуфтори онҳо ба меъёри синну сол мувофиқат кунад ва ба онҳо имкон диҳад, ки якҷоя бо ҳамсолони солим дар барномаи омӯзиши умумӣ таҳсил карда тавонанд;

- ба кӯдаконе, ки бо барномаҳои мутобиқшудаи таълимӣ таҳсил намоянд;

· шунавоии суст доштан (дар узвҳои нутқ) то 60 Дб;

· доштани шиддати биноиш ҳадди ақалл 0,1 бидуни авориз ҳамбастагии инкишоф;

· доштани ихтилоли системаи мушак ва имкониятҳои рушди зеҳнӣ;

· дорои ақибмондагии зеҳнӣ;

· кӯдакони дорои иллатҳои вазнини нутқ (дизартрия, ринолалия, алалияи мотор, афазия) [8,с.22].

Дар сурати қисм мавҷуд будани аз ин нуқсонҳо дараҷаи иштироки кӯдаки маъюб дар корҳои синфӣ, беруназсинфӣ тавсия дода мешавад; реҷаи дарсу машваратҳо, чораҳои ислоҳӣ, таҷҳизоти иловагии махсус, ниёз ба дастгирӣ (мураббӣ), давраи зангҳои такрорӣ, кӯмаки иловагии мутахассисони берун аз ташкилоти таълимӣ ва ғайраҳо тавсия мегардад. Барои кӯдаконе, ки мушкилоти рафтор равонӣ доранд, барои таълими инфиродии хонагӣ тавсия мешавад. Ҳамчунин кӯдакони дорои нуқсони вазнини зеҳнӣ ва мушкилоти рафтори равонӣ, дар муассисаҳои низоми хадамоти иҷтимоӣ ба таҳсил фаро гирифта мешавад.

Тарафҳои мусбати таҳсилоти инклюзивӣ:

· дар муассисаи таҳсилоти умумӣ ташкили шароити махсуси таълим барои кӯдакони эҳтиёҷоти махсуси таҳсилот дошта;

· таъсиси муҳити таълими мутобиқшавӣ, ки ниёзҳои таълимии ҳама кӯдакони як муассисаи таълимиро қонеъ карда метавонад;

· таҳсил дар шароити синфҳои умумии мактаби оммавӣ бо дастгирии зарурии равонӣ ва педагогии кӯдакон аз ҷониби мутахассисони тахассусӣ;

· омодагии педагогон, волидайн барои ба таълим фаро гирифтани кӯдакони маҳдуд имкон ва фароҳам овардани шароити таълим барои онҳо ва ноил шудан ба сатҳи ниҳоии рушд, ки мусоидат намояд, инчунин барқарорсозии иҷтимоию ҳамгироии кӯдак ба ҷомеа [6,с.81].

Дар баробари ин таҳсилоти фарогир камбудиҳои ба худ хос доданд, ки аз инҳо иборатанд:Дар идеал набояд ҳеҷ костӣ ба назар расад, зеро омӯзиши фарогир сифати зиндагии кӯдакон, алалхусус, кӯдакони гурӯҳҳои осебпазири иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад, аммо бо назардошти шароити иҷтимоию иқтисодии мо ва сатҳи шуури ҷамъиятӣ, таҳсилоти фарогир дар замони ҳозира ҳанӯз ҳам хусусияти таҷрибавиро дорад.

Дар тадқиқоти олимон се равиш ба таълими кӯдакони маҳдуд имконият дар як вақт ба кор бурда мешавад, ба мисли:1. Таълими тафриқавӣ барои таълим ва тарбияи кӯдакони дорои нуқсони гуфтор шунавоӣ, биноӣ, системаи мушакии қобилият, ақл, ақибмонии ақлидошта, ки муассисаҳои муайян ба таълими онҳо равона шудаанд; 2. Таҳсилоти интегралӣ, ки ташкили таълим ва тарбияи кӯдакони маҳдуд имкон дар синф(гурӯҳ)-и алоҳидаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ сурат мегирад; 3.Таълими фарогири кӯдакони маъюб якҷоя бо кӯдакони дорои нуқсонҳои инкишоф дар синф (гурӯҳ) -и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ амалӣ карда мешавад.

Таҳсилоти фарогир тавассути омӯзиш ва парвариши якҷояи кӯдакони маҳдуд имконият ва кӯдакони солим маҳдудият дар гурӯҳи фарогирандаи муассисаҳои таълимии томактабӣ амалӣ карда мешавад. Инклюзия (фарогир) имкони иштироки ҳама хонандагон дар ҳаёти коллективи кӯдакистон, мактаб, донишкада, дар ҳаёти томактабӣ ва мактабӣ мебошад. Таҳсилоти "инклюзия" дар бораи эътирофи арзиши ҳама фарқиятҳои кӯдакон ва омӯзиши қобилияти онҳо бо ин усул мувофиқтар мебошад. Ин низомест, ки ниёзҳои ҳама кӯдаконро на танҳо бо мушкилоти рушд, балки инчунин гурӯҳҳои гуногуни нажодӣ, ҷинс, синну сол, ки ба гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ мансубанд, ба назар мегирад. Мухталифӣ ва гуногунӣ доир ба муайян намудани мафҳуми «инклюзия» ба он бастагӣ дорад , ки ин фароянд ба дарёфти роҳҳои нав барои қонеи ниёзҳои омӯзишии ҳар як иштирокчигар нигаронида шуда, мутобиқ ба вазъияти таълим ва шароити таҳсили кӯдакон муайян карда шудааст. Омӯзиши фарогир барои таҳияи усулҳое кӯшиш дорад, ки ба кӯдакон нигаронида шуда, онҳо шахсони дорои ниёзҳои гуногуни омӯзишӣ мебошанд. Таҳсилоти инклюзивӣ кӯшиш бар он дорад, ки муносибати таълиму омӯзишро инкишоф диҳад ва барои қонеи ниёзҳои гуногуни таълим созгор бошад. Агар таълим ва омӯзиш дар натиҷаи тағйироте, ки таҳсилоти фарогир ба амал меорад, натиҷабахш шаванд, пас ҳама кӯдакон (на танҳо кӯдакони эҳтиёҷоти махсус) манфиат мегиранд [8,с.44]. Мувофиқ ба хусусиятҳои маъноии калимаҳо инклюзия (дохилшавӣ, ҳамроҳшавӣ) ва ҳамгироӣ ду мафҳуми таълими муштараки кӯдакони маъюб ва кӯдакони маъюби рушддоштаро дорад: мафҳуми ҳамгироӣ, яъне фароҳам овардани шароити махсус барои кӯдакони дорои ниёзи махсуси

таълимӣ дар доираи низоми мавҷуда бидуни тағйир додани худи низом ба шумор меравад; ҳадафи асосии консепсияи таълими инклюзивӣ, ин таҷдиди сохтори ташкилотҳои таълимӣ ба ҳисоб рафта, мутобиқи эҳтиёҷоти кӯдакон ва кӯдакони дорои нуқсонҳои инкишофӣ ва барои таҳсилу ва тарбияи онҳо шароити мусоид фароҳам овардан аст. Мақсади ташкил намудани таълими инклюзивӣ аз он иборат аст, ки ҳама кӯдакон бояд имконияти ҳаёти пурмазмуни иҷтимоӣ, иштироки фаъолона дар гурӯҳ, ҷомеаи маҳаллӣ дошта бошанд ва бо ин васила таъмин намудани ҳамкорию ғамхории ҳаматарафаи онҳо ҳамчун аъзои ҷомеа мебошад. Усули омӯзиши фарогир аз он иборат аст, ки ниёзҳои гуногуни кӯдакон бояд ба рангорангии ниёзҳои онҳо мувофиқат кунад; муҳити аҳсилоте лозим аст, ки камтар маҳдуд ва фарогир бошад. Ҳадафи таҳсилоти инклюзивӣ ба фардисозии раванди таълим, таҳияи барномаи мутобиқгаштаи таълим равона гардидааст, ки хусусиятҳои рушди кӯдакро ба назар мегирад ва пеш аз ҳама, ба рушди шахсият ва мутобиқшавии иҷтимоӣ равона шудааст. Таълими инклюзивӣ идомаи мантиқии ғояҳои таълими интегратсионӣ ба ҳисоб меравад, ки қабл аз инклюзия аз ҷиҳати замонӣ, ғоявӣ ва фановарӣ рух додааст.Масъалаҳои кӯдакони имконияташон маҳдудро як гурӯҳ олимон, равоншиносон ва табибон, аз ҷумла Г.Е. Сухарёва, М.С. Певзнер, М.Г.Блюмина, Д.Е. Мелехов, В.М.Явкин, Г. М. Дулнев, В.И. Лубовский, Л. С. Виготский, Д. Б. Элконин, Н.М. Назарова, Холматов И.Б., Очилзода А., Шарипов Ф., Раҳмонов А.П., Маҳмудов С.С., Камолова М., Раҳимов Б., Байзоев А., Раҳмонов З.П., Раҳмонова Д.З. ва дигарон тадқиқ кардаанд [1, с.248].Ҳамон тавре, ки Н.Д. Шматко хотирнишон менамояд, таҳсилоти фарогир барои кӯдакон натиҷаи муассир бахшида, барои инкишофи гуфтор ва муоширати онҳо муфид аст”[10, с.8].А.Ю. Чистобаева оид ба таҳсилоти замони муосир ва истифодабари аз технологияҳои ислоҳнамоӣ, ки барои самаранок истифода бурдан аз низоми махсуси таҳсилоти фарогир маълумот додааст [9,с.7]. Тадқиқоти С.Н. Викжанович гувоҳӣ медиҳад, ки таҷрибаи фарогир барои кӯдакони спектри аутизмдошта низ вуҷуд дорад [3,с.76].

***Ҷадвали №1.Нишондиҳандаҳои салоҳияти муаллимон ҳангоми кор бо кӯдакони маҳдуд имконият (КИ)***



100 нафар кӯдак дар тадқиқот иширок намуданд.

Аввал оид ба рушди равониву ҷисмонӣ ва гуфтори ин гуна кӯдакон маълумоти мушаххас пайдо намудем. Дуюм дар созмони ҷамъиятии "Меҳри дил" маълумоти хос ба даст оварда, аз аъзои он- директор, пизишк, логопед, физиотерапевт, маҳсгар, кормандони иҷтимоӣ ахбори муфид дарёфт намудем. Дар ду шашмоҳаи соли 2020 бо кӯдакони маҳдуд имконият корҳои ислоҳнамоӣ аз ҷониби мо мутахассисон гузаронида шуд. Ниг.ба ҷадвали 2 ва 3.

***Ҷадвали 2. Таҳлили натиҷаҳои корҳои ислоҳӣ бо кӯдакони иллатҳои гуногундошта дар ду шашмоҳаи соли 2020***

| Соли 2020 | ФМС | БИН | БИР | С.Дауна | С.Аутизм | Дигар беморихо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 54 | 26 | 11 | 4 | 2 | 3 |

***Ҷадвали №3. Таҳлили натиҷаҳои корҳои ислоҳӣ бо кӯдакони иллатҳои гуногундошта дар 2 шашмоҳаи соли 2020***

| № | Ташхиси КИМ | Теъдоди кӯдакон | Беҳбуди зиёд | Беҳбуди камтар | Беҳбуди нест |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ФМС | 54 | 26 | 18 | 10 |
| 2 | БИН | 26 | 10 | 12 | 4 |
| 3 | БИР | 11 | 8 | 2 | 1 |
| 4 | Синдром Дауна | 4 | 1 | 2 | 1 |
| 5 | Спектри аутистӣ | 2 | - | - | 2 |
| 6 | Дигар беморихо | 3 | - | 3 | - |
| 7 | **Ҳаммагӣ** | **100** | **45** | **37** | **18** |

***Ҷадвали №4.Омори мутобиқнамоии кӯдакони маҳдудимкон ба корҳои ислоҳнамӣ***



Бо ҳамин тартиб, дар замони ҳозир созгории кӯдакон ва корҳои ислоҳӣ бо онҳо рӯ ба беҳбуд ниҳода истодааст. Танҳо бахше аз кӯдакон, яъне дар 18 нафар аз онҳо беҳбуд дида нашуд. Бақияи таълимгирандагон мутобиқ ба корҳои ислоҳӣ ва сатҳи равониву ҷисмонӣ ва рушди гуфтори онҳо ба синну солашон мувофиқ буданд. Мутаносиб ба ҳадаф барои омӯзиш ва ислоҳи ин қабил кӯдакон низоми махсуси маориф ва созмонҳо пешбинӣ карда шуда, расонидани кӯмак ва корҳои ислоҳӣ аз ҷониби педагогон ва мутахассисони хос ба роҳ монда шавад.

**ПАЙНАВИШТ:**


1. Армуғони навроҳони илм.- Хуҷанд – 2020.- С. 247-250.
2. Бахина, А. В. Проектирование интерактивной модели действительности для освоения студентами социокультурных основ специального и инклюзивного образования /А.В. Бахина//Дефектология. – 2015. –№ 3. – С. 58–64.
3. Викжанович, С.Н. К вопросу о дифференциальной диагностике общего недоразвития речи и задержки темпа речевого развития у детей / С.Н.Викжанович// В мире научных открытий. – 2013. – № 11.8 (47). – С. 72–76.
4. Викжанович, С.Н. Характеристика системного недоразвития речи при расстройствах аутистического спектра/С.Н.Викжанович//Современные исследования социальных проблем. – 2015. – № 8 (52). – С. 294–305.
5. Интегрированное обучение детей с ограниченными возможностями в обществе здоровых детей / Ф.Л.Ратнер, А.Ю.Юсупов. – М.: Гуманитар. изд. центр ВЛАДОС, 2006.-174 с.
6. Кузьмина, О. С. К вопросу о подготовке педагогов к работе в условиях инклюзивного образования/О.С.Кузьмина//В мире научных открытий. – 2014.–№ 5.1 (53). – С. 365–371.
7. Обучение детей с особенностями развития по технологии интегрированного обучения при внутренней дифференциации в общеобразовательном классе: методические рекомендации. / сост.,-Челябинск: ИИУМЦ «Образование» - 2006. – С. 223. Педагогика.
8. Алехина, С.В.«Инклюзивное образование». Выпуск 1/С.В.Алехина, Н.Я. Семаго, А.К. Фадина. - М.: Центр Школьная книга, 2010.-С.78-99
9. Чистобаева, А. Ю. Современные образовательные технологии в коррекционной педагогике/ А. Ю.Чистобаева// Международный журнал экспериментального образования. – 2009. – № 6. – С. 55–57
10. Шматко Н. Д. Для кого может быть эффективным интегрированное обучение//Дефектология.–1999.–№2.–С.49–56
11. Щербаков, С.В. Реализация компетентностного подхода в обучении студентов по направлению «Специальное (дефектологическое) образование» /С.В.Щербаков// Вестник Омского государственного педагогического университета. Гуманитарные исследования. – 2015. № 3 (7). – С.129–131.
12. Ячменёва, И. В. Использование компьютерной программы «Состав числа» для диагностики сформированности математических представлений у младших школьников с ЗПР /И.В. Ячменёв// Дефектология. – 2012. – №5.–С.50–57.


**REFERENCES:**


1. Scientist Young Gift.- Khujand - 2020. 247-250 p
2. Bakhina A. V. Designing an interactive model of reality for students to master the socio-cultural foundations of special and inclusive education // Defectology. - 2015. - No. 3. - P. 58–64.
3. Vikzhanovich S.N. On the issue of differential diagnosis of general underdevelopment of speech and delay in the rate of speech development in children. In the world of scientific discoveries. - 2013. - No. 11.8 (47). – P. 72–76.
4. Vikzhanovich S.N. Characteristics of systemic speech underdevelopment in autism spectrum disorders // Modern studies of social problems. - 2015. - No. 8 (52). – P. 294–305.
5. Integrated education of children with disabilities in the society of healthy children / F.L. Ratner, A.Yu. Yusupov. – M.: Humanitarian. ed. center VLADOS, 2006.
6. Kuzmina O. S. On the issue of preparing teachers for work in an inclusive education // In the world of scientific discoveries. - 2014. - No. 5.1 (53). - P. 365-371.
7. "Education of children with developmental disabilities using the technology of integrated learning with internal differentiation in the general education class: guidelines" / comp. - Chelyabinsk: IIUMTS "Education" - 2006. - P. 223. Pedagogy.
8. S.V. Alekhina, N.Ya. Semago, A.K. Fadin "Inclusive education". Issue 1. - M .: School Book Center, 2010.
9. Chistobaeva A. Yu. Modern educational technologies in correctional pedagogy // International Journal of Experimental Education. - 2009. - No. 6. - P. 55–57

10. Shmatko N. D. For whom integrated learning can be effective // Defectology.–1999.–№2.–P.49–56
11. Shcherbakov S.V. Implementation of the competency-based approach in teaching students in the direction of "Special (defectological) education" // Bulletin of the Omsk State Pedagogical University. Humanitarian research. – 2015. No. 3 (7). – P.129–131.
12. Yachmenyova I. V. Use of the computer program “Composition of a number” for diagnosing the formation of mathematical representations in younger schoolchildren with mental retardation // Defectology. - 2012. - No. 5. - P. 50-57.